ТАҲЛИЛИ

таъсири танзимкунии Дастурамал №___ дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ

| | |
|---|---|
| Номи санади меъёрии ҳуқуқӣ бо забони тоҷикӣ. | Лоиҳаи Дастурамал №___ дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ. | Бонки миллии Тоҷикистон. |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад. | Бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд, аз ҷумла ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд. |
| Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ. | 30.09.с.2022 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оиди ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ. | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 17.03.с.2021 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи Дастурамал аз 17 марти соли 2021 то 17 апрели соли 2021 гузаронида шудааст. |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур таклифу пешниҳодҳо ворид нагардидааст. Оид ба иштирок накардани шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва |

| | |
|---|---|
| | мақомоти давлатӣ дар раванди машварати оммавӣ, дар хулосаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2021, №53/2с дарҷ гардидааст. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад. | Қайд кардан зарур аст, ки додани қарз ин яке аз амалиёти асосии ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад ва раванди додани қарз ва ҳисоб кардани фоизи он бояд чунон ба роҳ монда шавад, ки манфиатҳои тарафайн ҳифз шаванд.<br>Мақсади асосии Дастурамали мазкур ин муқаррар намудани ҳадди ақалли талаботҳо оид ба пешниҳоди қарз, ҳуҷҷатҳои қарзӣ, низоми идоракунии хавфи қарзӣ ва тартиби ҳисоб намудани фоизи қарз дар ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Инчунин, Дастурамали мазкур ду дастурамали бо ҳам монандро (Дастурамал №186 "Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ" ва Дастурамали №199 “Дар бораи тартиби додани қарзи хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд”), ки қаблан дар алоҳидагӣ барои бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд амал мекарданд якҷоя менамояд.<br>Ҳамзамон, баъд аз тасдиқ гардидани Дастурамал “Дар барои тартиби додани қарз ва |

| | |
|---|---|
| | ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ" хавфҳое, ки дар раванди пешбурди назорати бонкӣ дида мешуданд, то андозае кам карда мешаванд.<br>Дар баробари ин, Дастурамали мазкур бо назардошти пешниҳодҳои Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) дар қисми муқаррарот оид ба тариқи фосилавӣ баррасӣ ва пешниҳод намудани қарз ба муштариён низ такмил дода шуда, таҳия гардидааст.<br>Дар самти мазкур мушкилиҳои зерин ҷой доранд:<br>- дастрас набудани қарз ва ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо тариқи фосилавӣ;<br>- мавҷуд набудани модели скоринги қарзӣ барои қарзҳои хурд;<br>- мафҳуми "шахси вобаста" муайян карда нашудааст;<br>- уҳдадориҳои дигари муштариён, ки ба қарз баробар дониста мешаванд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд муайян карда нашудаанд;<br>- барои ба Бюрои таърихи қарз додани маълумот оид ба қарзҳои муштариён розигӣ гирифта мешуд.<br>Дар ҳолати қабул нагардидани Дастурамали мазкур раванди додани қарз ва ҳисоб кардани фоизи он дар ташкилотҳои қарзӣ, |

| | |
|---|---|
| | ки бо мақсади дастрасии аҳолӣ ба қарзҳои хурду калон аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар заминаи сиёсати қарзии онҳо пешниҳод мегарданд, монеа эҷод карда метавонад.<br>Тибқи таҷрибаи бонкии муосир, дар давраи пандемияи COVID-19, пешниҳоди Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) оид ба муҳтавои Дастурамали мазкур салоҳияти худро собит сохт. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат. | Бонки миллии Тоҷикистон мақоми танзиму назорат ва батанзимдарории ташкилотҳои қарзии молиявӣ буда, стандартҳои назорати фаъолияти онҳоро таҳия намуда, тартиби татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавсияҳои худро муқаррар менамояд.<br>Дастурамали мазкур бо мақсади содда ва бартараф намудани монеаҳои иловагӣ дар раванди тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоизи он дар ташкилотҳои қарзӣ ва принсипҳои қарздиҳии анъанавӣ таҳия карда мешавад. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои | Дар заминаи таҳия ва қабул намудани Дастурамали мазкур, ба роҳ мондани тартиби пешниҳоди қарз ва ҳисоб кардани фоизи он дар ташкилотҳои қарзӣ пешбинӣ карда мешаванд.<br>Тавассути лоиҳаи Дастурамали |

| | |
|---|---|
| соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот. | мазкур амалисозии назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар асоси принсипҳои шаффофият, стандартҳои байналмилалӣ, мавҷудияти ваколату имкониятҳо, пайдарҳамӣ, шартҳои баробар барои рақобати солим, назорати ба хавф нигаронидашуда ва мутаносибӣ ба роҳ монда мешавад.<br>Пешниҳоди қарз ва муқаррар кардани фоизи он, танҳо тавассути бастани шартнома (созишнома) (инчунин тариқи бастани шартномаи фосилавӣ) сурат мегирад.<br>Барои ташкилотҳои қарзӣ вазифагузорӣ карда шудааст, ки бо санадҳои меъёрии дохилии худ, ки сиёсати қарзиро танзим менамоянд, муқаррароти асосии қарз бо монанди: намуд ва асъори қарз, меъёри фоизӣ, ҳаҷм ва мақсади қарз, тақсимоти масъулият ва салоҳияти кормандони ташкилоти қарзӣ, сиёсат нисбат ба таснифу таҳлили сандуқи қарзӣ, ҳиссаҷудокуниҳо ба суратҳисоби захираҳо, инчунин чораҳои ҳангоми пайдо шудани қарзҳои мушкилситон андешидашаванда муқаррар карда шавад.<br>Ташкилоти қарзӣ ба мизоҷони хеш намудҳои гуногуни маҳсулоти қарзӣ, аз ҷумла бо асъори хориҷӣ |

| | |
|---|---|
| | низ пешкаш менамоянд.<br>Ташкилоти қарзӣ бояд сиёсатҳоро оид ба шароит ва шартҳо барои пешниҳоди қарз дошта бошад, ки аз тарафи Шӯрои нозирон (Шурои парасторон) тасдиқ шудаанд.<br>Дар Дастурамали мазкур муқарраротҳои зерин пешбинӣ шудаанд:<br>- тартиби дуруст додани қарз ва ҳисоб кардани фоизи он;<br>- ба таври фосилавӣ ба роҳ мондани усулҳои раванди гирифтани қарз;<br>- ҷорӣ намудани модели скоринги қарзӣ барои қарзҳои хурд;<br>- муайян намудани мафҳуми қарзи хурд;<br>- муайян намудани ваколатҳои Кумитаи қарзӣ;<br>- тартиби бастани шартномаи қарзӣ;<br>- ба расмият даровардани таъминоти қарз.<br>Дар лоиҳаи Дастурамали мазкур уҳдадориҳои зерин инъикос шудаанд:<br>- тибқи тартиби муқаррапгардидаи ҳамин Дастурамал пешниҳод намудани қарз ба аҳолӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ;<br>- ҳамаи қарору шартномаҳо оид ба додани қарз бояд дар шакли хаттӣ (ва ё дар шакли |

| | |
|---|---|
| | электронӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо истифода аз усулҳои мушаххаскунии фосилавии шахсияти муштарӣ) ба расмият даровarda шаванд;<br>- ташкилотҳои маблағгузории хурд уҳдадоранд, танҳо қарзи хурд, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, пешниҳод намоянд;<br>- бонкҳо ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд уҳдадоранд, барои амалӣ намудани сиёсати қарздиҳӣ бо қарори Шӯрои нозирон Кумитаи қарзӣ ташкил диҳанд;<br>- ташкилотҳои қарзӣ уҳдадоранд, сабтҳои ҳуҷҷатиро дар шакли парвандаи алоҳида барои ҳар як қарзгир ба роҳ монанд;<br>- шахсоне, ки ба баррасии дархостҳо барои гирифтани қарз машғуланд, уҳдадоранд амалҳои дахлдорро тибқи талаботи Дастурамали мазкур анҷом диҳанд;<br>- агар ба сифати таъмини қарзи гирифташаванда кафолатнома ё замонат истифода шавад, дар ин маврид омӯзиши кафил ё зомин, обрӯю эътибори касбии он, доштани қобилияти қарзадокунӣ, масъулият ва |

| | |
|---|---|
| | омадагӣ барои иҷрои уҳдадориҳо муайян карда мешавад;<br>- дар ҳолати қарзро напардохтани қарзгир, ташкилоти қарзӣ бояд бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ва шартномаи қарзӣ молу мулки зери гарав бударо рӯёниш намуда, маблағи бадастомадаро ба пардохти уҳдадории иҷронашудаи қарздор равона намояд;<br>- агар ташкилоти қарзӣ қарзро таҳти гарав диҳад, ғайр аз шартномаи қарзӣ, шартномаи гарав низ баста мешавад;<br>- бо мақсади пешгирӣ намудани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳои додашуда, ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст аз болои онҳо назорати доимӣ барад;<br>- ташкилоти қарзӣ дар шартномаи қарзӣ тартиби пардохти қарзҳои батаъхирафтодаро (ҳангоми ба таъхир афтодани қарзи асосӣ аз рӯи мухлатҳои муқарраркардаи шартномаи қарзӣ ё нақшаи пардохти онҳо) бояд муқаррар намояд;<br>- қарзҳои беэътимод тибқи санади меъёрии ҳуқуқии дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон аз тавозун хориҷ карда мешаванд;<br>- ташкилоти қарзӣ аз рӯи |

| | |
|---|---|
| | қарзҳои аз тавозун хориҷшуда, ки ба суратҳисоби ғайринизомӣ дохил карда шудаанд, дар давоми муҳлати тибқи Дастурамали мазкур муқаррарнамуда корбарӣ намояд;<br>- қарзҳое, ки ба баҳисобгирии ғайринизомӣ бурда шудаанд, баъд аз гузашти 5 сол аз ҷониби воҳиди дахлдори кор бо қарзҳои мушкилситон, баррасӣ карда мешаванд;<br>- андоза ва муҳлати пардохти (ситонидани) фоизи қарз вобаста ба ҳаҷми қарзи додашуда ва муҳлати баргардонидани он муқаррар карда мешавад.<br>Дар доираи Дастурамали мазкур, нисбати ташкилотҳои қарзӣ маҳдудиятҳои зерин пешбинӣ карда шудаанд:<br>- ифшо накардани ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳо дар бораи фаъолият ва ҳолати молиявии муштарӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо муштариён бо шахси сеюм маълум шудааст ва ошкор кардани он мумкин аст ба муштарӣ зиёни моддӣ ё маънавӣ расонад;<br>- андозаи муқарраргардидаи қарзи хурд;<br>- яктарафа тағйир додани шартҳои шартномаи қарзӣ.<br>Уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳое, |

| | |
|---|---|
| | ки дар Дастурамали мазкур пешбинӣ карда шудаанд, бо мақсади амалисозии назорати ба хавф нигаронидашуда, таъмини фаъолияти самараноки ташкилотҳои қарзӣ дар самти қарздиҳӣ, мутобиқатии тартиби пешниҳоди қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ ба талаботи қонунгузорӣ, риояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва принсипҳои бозори молиявӣ.<br>Дар ҳамин замина, дар асоси қисми 2 моддаи 3 ва қисми 5 моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва моддаҳои 20, 21, 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" лоиҳаи санади мазкур бо мақсади мусоидат намудан ба фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми бонкӣ таҳия шуда, тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ, муносибати ташкилоти қарзӣ бо қарзгирон, идоракунии хавфҳои қарзӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзиро муайян менамояд. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Дастурамали мазкур, бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва таклифу пешниҳодҳои коршиносони Корпоратсияи байналмилалии |

| | |
|---|---|
| | молиявӣ (IFC) асосҳо ва қоидаҳои пешниҳоди қарз ва ҳисоб кардани фоизи он, кам кардани хавфи қарзӣ, дуруст ба роҳ мондани ҳуҷҷатгузории қарзӣ, пурзӯр намудани назорат аз болои қарзҳои пешниҳодгардида ва дигар масъалаҳои марбутаро пешбинӣ менамояд.<br>Қабули Дастурамали мазкур барои бартараф намудани мушкилотҳо дар раванди додани қарз, ҳуҷҷатгузорӣ ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ мусоидат хоҳад кард ва бидуни қабули Дастурамали мазкур ҳал намудани масъалаҳои бамиёномада бо роҳҳои дигар ғайриимкон мебошад.<br>Дигар роҳҳои ҳалли мушкилот мавриди баррасӣ қарор дода шуд, аммо натиҷа надод. |
| Арзёбии мухтасари хароҷоти буҷети давлатӣ ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар сурати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | Қабули Дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи Дастурамал:<br>- дар сурати қабул гардидани Дастурамали мазкур ташкилотҳои қарзие, ки дар низоми бонкии кишвар фаъолият мекунанд, сиёсати қарзии худро таҳия намуда, ба аҳолии кишвар хизматрасонии қарзиро пешниҳод менамоянд;<br>- барои фарогирии молиявии аҳолӣ, алалхусус дар |

| | |
|---|---|
| | минтақаҳои дурдасти кишвар, ки дар онҳо воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзӣ кам ҳастанд, тавассути қарздиҳии фосилавӣ мусоидат менамояд;<br>- боиси тақвият бахшидани низоми бонкии кишвар, беҳтар гардидани вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ, осон гардидани тартиби қарздиҳӣ, беҳтар шудани мониторинги сандуқи қарзӣ, коҳиш додани хавфи қарзӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, такмил ёфтани қарздиҳии онҳо, рушди соҳибкории хурду миёна ва зиёд гардидани ҷойҳои корӣ мегардад.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи Дастурамал:<br>- баланд гардидани маоши кормандони ташкилотҳои қарзӣ;<br>- сари вақт қонеъ гаштани талаботи муштариёни ташкилоти қарзӣ ва дар маҷмуъ беҳтар гардидани фазои қарздиҳӣ ва хизматрасонии бонкӣ дар кишвар ва ғ. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф вобаста ба Дастурамали мазкур ин:<br>1) сатҳи сифати пешниҳоди хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ;<br>2) сатҳи дуруст ба роҳ мондани раванди қарзгирӣ ва |

| | |
|---|---|
| | пешгирии хавфҳои эҳтимолӣ дар самти қарздиҳӣ;<br>3) сатҳи дастрасии мизоҷон ба маҳсулотҳои қарзӣ.<br>Бояд қайд намуд, ки давврияти натиҷагирӣ оид ба татбиқи амалии Дастурамали мазкур, бо назардошти таҳлили ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ, инчунин санҷишҳои ҳамаҷонибаи онҳо, ки тибқи нақшаи гузаронидани санҷишҳои ташкилотҳои қарзӣ муайян гардидааст, ба роҳ монда мешавад. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он. | 31.10.с.2022 |

Муовини Раис Толибзода Ф.Н.